**Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият ва амнияти миллӣ тайёрем!**

# Родмардон

Пешрафти давлат ва ободии Ватан танҳо дар сурати таъмин будани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаву давлат имкон дошта метавонад.

Эмомалӣ Раҳмон

*№9(210)*
*18 сентябри соли 2023*

**Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Вохӯрии панҷуми машваратии Сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ

ДУШАНБЕ, 14.09.2023

Ҳамоиши сатҳи баланд дар бинои Қасри миллат доир шуда, сарони давлатҳои иштирокчӣ ва меҳмонони чорабиниро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самимона истиқбол гирифтанд.

Дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳаммедов, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва меҳмони фахрӣ — Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев иштирок намуданд.

Сарони давлатҳо доираи васеи масъалаҳои мубрами робитаҳои мамлакатҳои минтақаро баррасӣ намуда, дурнамои тавсеаи ҳамкории минтақавиро дар самти таъмини рушди устувори иқтисодӣ, таҳкими заминаи муносибатҳои хусни ҳамҷаворӣ, рушди минбаъдаи фазои фарҳангӣ ва гуманитарии минтақа мавриди назар қарор доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст ҳамаи иштирокчиёни Вохӯрӣ — Сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва дигар меҳмононро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд.

Таъкид гардид, ки ба шарофати кӯшишҳои муштарак Осиёи Марказӣ пайваста ва босубот ба минтақаи ҳамкории мутақобилан судманд табдил меёбад. Аз ҳама муҳим он аст, ки халқҳои мо аз самараи ин кӯшишҳо баҳравар мегарданд.

Асоси вохӯриҳои машваратии моро муколамаи боварибахш, ошкоро, созанда, инчунин ҳалли мувофиқашудаи мушкилоти умумии минтақа ташкил медиҳад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки давоми панҷ соли сипаришуда давлатҳои минтақа ба ҷомеаи ҷаҳонӣ даҳҳо ташаббус пешниҳод намуданд, ки ба таҳкими сулҳ ва таъмини рушди устувор нигаронида шудаанд. Ҳамаи ин аз бебозгаштии раванди табдил ёфтани Осиёи Марказӣ ба минтақаи устувор, аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикунанда ва дарояндаи наздик хеле шукуфон шаҳодат медиҳад.




Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон иброз доштанд, ки вохӯрии ҷашнии машваратии имрӯза боз як тасдиқи иродаи қавии сиёсии давлатҳо барои таҳкими ҳамаҷонибаи ҳамкории байнидавлатӣ ба манфиати халқҳои бародар хоҳад буд.

Тоҷикистон ташаббускори дар ҳошияи Вохӯрии машваратии сарони давлатҳо бо кумаки кишварҳои минтақа баргузор намудани як силсила чорабиниҳои рӯзмарра гардид.

Дар рафти омодагӣ ба вохӯрии навбатӣ қариб панҷоҳ чорабинӣ доир гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҳадаф аз баргузории ин чорабиниҳо — дар Осиёи Марказӣ мустаҳкам намудани муҳити нави боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ мебошад.

Вобаста ба вазъи имрӯзаи сиёсии ҷаҳон Сарвари давлат таъкид намуданд, ки масъалаҳои таъмини суботи минтақавӣ дар маркази таваҷҷуҳи доимии мо қарор доранд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дар чунин шароит мо бояд якҷо ва дар ҳамдастӣ кор намоем.

«Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки омили бехатарӣ шарти муҳимтарини бомуваффақият ба амал баровардани нақшаву иқдомҳои созандаи мо аст», — изҳор доштанд Президенти мамлакат.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи сарони давлатҳои Осиёи Марказиро ба масъалаҳои ҳамкорӣ бахри густариши минбаъдаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, таҳияи барномаҳои алоҳидаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав, амалисозии лоиҳаҳои бузурги нақлиётӣ ва инфрасохтор, истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикӣ, рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳангиву гуманитарӣ, барои таъмини амният дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ таъсис додани Ассотсиатсияи воситаҳои ахбори оммаи давлатҳои Осиёи Марказӣ ва дигар масъалаҳои мубрам ҷалб намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаи сарони давлатҳо барои дастгирии кӯшишҳои Тоҷикистон дар давраи раёсат изҳор сипос намуда, ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи баргузории Вохӯрии навбатии шашуми машваратӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон барору комёбӣ орзу намуданд.

Баъди суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Президенти Туркманистон Сердар Бердимухаммедов, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев суханронӣ намуда, ба ҷониби Тоҷикистон ва ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дар сатҳи баланди ташкилӣ доир намудани ҳамоиш ва натиҷаҳои кори мамлакати мо дар давраи раёсат баҳои баланд доданд ва барои меҳмоннавозии гарму самимӣ изҳори сипос намуданд.

Баъди суханронии Сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш бо навори видеоӣ муроҷиат намуд.

Дар кори ҳамоиш аз ҷониби Сарони давлатҳо Изҳороти муштарак аз рӯи натиҷаҳои Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ба имзо расид.

Ҳамчунин бо қарори Сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ Пешвои миллии мардуми Туркманистон, Раиси Халқ Маслаҳати Туркманистон муҳтарам Гурбангулӣ Бердимуҳамедов бо «Нишони фахрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ» сарфароз гардонида шуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кори Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказиро ҷамъбаст намуда, бори дигар иштирокчиёни ин ҳамоиши сатҳи баландро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд.

Дар ҳошияи кори Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ вазирони корҳои хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ 2 санади навро имзо намуданд:

— Созишнома оид ба таҳкими ҳамбастагии нақлиёти заминӣ дар Осиёи Марказӣ;

— Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба самтҳои умумии сиёсати ҷавонон.

Дар толори Китобхонаи миллии Тоҷикистон вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин аз рӯи натиҷаҳои кори Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ барои доираи васеи хабарнигорони дохилу хориҷ бо изҳорот баромад намуд.

# ВАТАНРО БАРОБАРИ ҶОНИ ХУД, МИСЛИ МОДАР ВА ФАРЗАНДОНИ ХУД ДӮСТ ДОРЕД

***Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паради ҳарбӣ ба ифтихори ҷашни 32-солагии Истиқлоли давлатӣ ва 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ***

*08.09.2023, шаҳри Душанбе*

Муҳтарам генералҳо ва афсарону сарбозон!

Ҳозирини гиромӣ!

Ин лаҳзаҳо тамоми мардуми шарифи тоҷик дар арафаи ҷашни муқаддасу бузурги миллӣ – 32-солагии истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон, ки дар таърихи навини кишварамон санаи муҳимтарину сарнавиштсоз мебошад, қарор доранд.

Истиқлол барои мо азизтарин неъмат ва бузургтарин дастоварде мебошад, ки тоҷикон баъди ҳазор соли бедавлатӣ ба он муяссар гардиданд.

Мо имрӯз, ҳамчунин, яке аз санаҳои таърихӣ – 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлолро, ки яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллиамон мебошанд, ботантана ва бо шукрона аз давлати соҳибихтиёрамон таҷлил менамоем.

Ба ифтихори ин ду ҷашни бузург тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳар яки шумо – афсарону сарбозони диловари Ватанро, ки ҳоло дар ин майдон саф оростаед, самимона табрику шодбош мегӯям.

Расми гузашти хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аввалин чорабиние мебошад, ки бо иштироки ҳомиёни Ватан дар майдони «Истиқлол»-и пойтахти мамлакат баргузор мегардад.

Тоҷикистони азизи мо ҳанӯз дар нахустин рӯзҳои расидан ба ормони ҳазорсолаи мардум, яъне истиқлолу озодӣ бар асари фитнаву дасисаи хоинону бадхоҳони дохиливу хориҷӣ ба зарбаи даҳшатбор ва бисёр сахту сангини таърих – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардид.

Вале мардуми кишвари мо ба шарофати хиради азалии худ ва бо азму иродаи қавӣ аз он имтиҳони фоҷиабор гузаштанд ва ба аҳли башар нишон доданд, ки метавонанд тахти парчами истиқлол сарҷамъ гардида, давлати худро соҳибӣ намоянд, Ватани хешро аз ҳар гуна мушкилоту озмоишҳо раҳоӣ бахшанд ва онро ободу пешрафта гардонанд.

Дар чунин давраи ниҳоят ҳассосу пурошӯб ва тақдирсози таърихи миллат, яъне дар роҳи барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таъмин намудани сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар кишвари соҳибистиқлоламон фарзандони содиқи Ватан – хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хизмати барҷаста анҷом доданд ва садоқати худро ба миллат ва давлат ба исбот расониданд.

Дар ин лаҳзаҳои идона мехоҳам иброз намоям, ки дар кишварамон сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва амнияту осоиш ба шарофати матонату ҷасорат ва фидокориву ҷонбозиҳои хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусал-





лаҳ ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ таъмин карда шуд ва мо ба чунин рӯзҳои нек расидем.

Бинобар ин, бо истифода аз фурсат, ба ҳар як сарбозу афсари Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҳамаи собиқадорони муҳтарами ҷузъу томҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сипосу миннатдории самимӣ баён менамоям.

Мардуми сипосгузори Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат аз хизмати ватандӯстонаи низомиёни кишвар ва далериву ҷасорати онҳо ба хотири иҷрои рисолати муқаддаси ҳифзи суботу оромӣ, амнияти ҷомеаву давлат, ҳимояи марзу буми давлати соҳибистиқлоли худ ифтихор мекунанд ва номи неки ҷавонмардонеро, ки ҷони худро дар ин роҳ фидо кардаанд, ҳамеша гиромӣ медоранд.

Дар баробари ин, мардум ва давлати Тоҷикистон дар симои хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳимоятгарони оромӣ, субот, амният, манфиатҳои милливу давлатӣ, волоияти қонун ва таъмини ҳуқуқи ҳар як шаҳрванди мамлакатро мебинанд.

Эътимоди давлат ва умеди мардум хизматчиёни ҳарбии тамоми ҷузъу томҳо ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро вазифадор месозад, ки дар навбати аввал, намунаи риояи қонунияту тартибот ва интизоми ҳарбӣ бошанд, сатҳи касбият ва омодагии ҷангии худро мунтазам баланд бардоранд.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат аз оғози замони соҳибистиқлолӣ то имрӯз бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо ва бо дарназардошти вазъи мураккабу ҳассоси минтақа ва ҷаҳони муосир ҳамаи тадбирҳоро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ ва иқтидори мудофиавии мамлакат амалӣ карда истодааст.

Боз ҳам беҳтар таъмин намудани ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо техникаву технологияҳои ҳозиразамон, ташкили инфрасохтори муосир ва дастгирии иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат минбаъд низ идома дода мешавад.

Зеро вазъияти минтақа ва ҷаҳон талаб мекунад, ки мо ба ҳалли ин масъалаҳо эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир намоем.

Торафт вусъат пайдо кардани фаъолияти ҳаракату созмонҳои террористиву экстремистӣ ва радикалӣ, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва илова бар ин, мусаллаҳшавии бошитоб ва шиддат гирифтани «ҷанги сард»-и имрӯзаҳо сокинони сайёра, аз ҷумла мардуми моро ба ташвишу нигаронии ҷиддӣ овардааст.

Фаромӯш накунед, ки Ватан нангу номус ва шарафу иззати инсониву ҷавонмардии ҳар яки шумо мебошад.

Коршиносон пешгӯйӣ мекунанд, ки эҳтимоли шиддати бештар пайдо кардани чунин вазъият дар минтақаву кишварҳои алоҳидаи дунё дар оянда вуҷуд дорад.

Роҳбарони Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварро зарур аст, ки дар шароити бавуҷудомада ҷиҳати таъмин намудани ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатӣ, амнияти ҷомеа ва давлат, зиндагии орому осудаи мардум ва дар сатҳи баланд нигоҳ доштани омодабошии ҷангии ҷузъу томҳо ҳамаи тадбирҳои зарурӣро амалӣ намоянд.

Шумо хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ бояд ҳамеша дар ёд дошта бошед, ки хизмат ба Ватан – хизмат ба падару модар, аҳли оила, зодгоҳ ва сарзамини аҷдодӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, ҳар яки шумо бояд Ватанро баробари ҷони худ, мисли модар ва фарзандони худ дӯст доред, онро ҷавонмардона ҳимоя ва ҳифз кунед.

Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки аз муқовимати ноороми ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ҳисороти бузурги ҷониву моддӣ дидааст, ҳамеша ҷонибдори сулҳу оромӣ дар тамоми ҷаҳон, зиндагии бидуни ҷанг ва танҳо бо роҳи мусолиматомез ҳаллу фасл намудани ҳама гуна низоъ мебошад ва ин мавқеи худро борҳо эълон кардааст.

Ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки пешрафти давлат ва ободии Ватан танҳо дар сурати таъмин будани сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаву давлат имкон дошта метавонад.

Бовар дорам, ки афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба савганди ҳарбӣ, ба давлат, миллат ва Ватани худ минбаъд низ содиқ монда, вазифаҳои бадӯшдошта ва рисолати муқаддаси хеш, яъне ҳимояи истиқлолу озодии Ватан, ҳифзи марзу буми давлати соҳибихтиёри тоҷикон ва зиндагии орому осудаи халқи азизи кишварро бо ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстӣ иҷро менамоянд.

Бори дигар тамоми мардуми сарбаланди тоҷик, хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварро ба ифтихори ҷашни бузурги миллӣ – 32-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистони маҳбубамон ва 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони мардуми Тоҷикистон осоишу иқболи нек, ба афсарону сарбозони далери Ватан саломатӣ ва иродаи матини ҷавонмардона орзу менамоям.

Пояндаву ҷовидон бод истиқлолу озодии Тоҷикистон!

Шараф ба Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистони соҳибистиқлол!

# Нахустин бор дар майдони «Истиқлол»-и Душанбе паради ҳарбӣ гузашт

Субҳи 8 сентябр ба ифтихори ҷашни 32-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва 30-солагии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар пойтахти мамлакат гузашти низомии қисму воҳидҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ баргузор гардид. Қабл аз паради ҳарбӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳифзи дастовардҳои давлати соҳибистиқлол суханронӣ намуданд. Сипас, зимни иҷрои Суруди миллӣ дар як вақт аз тӯпҳо 30 шиллик паронида шуд.

Бояд гуфт, ки паради ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат, ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аввалин чорабиние мебошад, ки бо иштироки ҳомиёни Ватан дар майдони «Истиқлол»-и пойтахти мамлакат баргузор мегардад.





Пешвои миллат зимни суханронӣ иброз намуданд, ки «мардуми сипосгузори Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат аз хизмати ватандӯстонаи низомиёни ҷумҳурӣ ва далериву ҷасорати онҳо ба хотири иҷрои рисолати муқаддаси ҳифзи суботу оромӣ, амнияти ҷомеаву давлат, ҳимояи марзу буми давлати соҳибистиқлоли худ ифтихор менамоянд ва номи неки ҷавонмардонеро, ки ҷони худро дар ин роҳ фидо кардаанд, ҳамеша гиромӣ медоранд. Дар баробари ин, мардум ва давлати Тоҷикистон дар симои хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳимоятгарони оромӣ, субот, амният, манфиатҳои милливу давлатӣ, волоияти қонун ва таъмини ҳуқуқи ҳар шаҳрванди мамлакатро мебинанд».

Сарвари давлат ҳамчунин изҳор доштанд, ки эътимоди давлат ва умеди мардум хизматчиёни ҳарбии тамоми ҷузъу томҳо ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро вазифадор месозад, ки дар навбати аввал, намунаи риояи қонунияту тартибот ва интизоми ҳарбӣ бошанд, сатҳи касбият ва омодагии ҷангии худро мунтазам баланд бардоранд.





## *Ифтитоҳи бинои нави истиқоматӣ*

8 сентябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар деҳоти Чоряккорони ноҳияи Рӯдакӣ бинои нави истиқоматиро барои хизматчиёни ҳарбӣ мавриди истифода қарор доданд.

Дар ин ҷо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст калиди хонаҳои истиқоматиро ба кормандони Шифохонаи ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим намуданд.

Иншоот якҷо бо майдончаҳои варзишию бозӣ барои кӯдакон, дар масоҳати умумии беш аз 5 ҳазор метри мураббаъ бунёд гардида, аз ду ошёна, 24 хона ва дигар биноҳои ёрирасон иборат мебошад.

Корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур соли 2019 бо ҷалби беш аз 70 нафар коргарону мутахассисони маҳаллӣ оғоз гардида буд. Имрӯз бинои нав дар вазъияти тантанавӣ бо сифати баланду ҷавобгӯ ба талаботи меъмориию сохтмонӣ мавриди истифода қарор гирифт, ки барои хизматчиёни ин ниҳоди ҳарбӣ туҳфаи арзандаи ҷашнӣ ба шумор меравад.

Дар бинои нави истиқоматӣ маҷмуан 16 хонаи як ҳуҷрагӣ ва 8 хонаи ду ҳуҷрагӣ ҷойгир аст, ки ҳар яки онҳо пурра бо дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ ва ҷиҳози рӯзгор таъмин мебошанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити фароҳамгардидаи бинои нави хизматӣ ва суҳбати самимӣ бо хизматчиёни Гвардияи миллӣ, ки имрӯз барои ҳифзи марзу буми Ватан ва солимии ҷомеа дар Шифохонаи ҳарбӣ содиқонаю ҷавонмардона хизмат ва кору фаъолият доранд таъкид намуданд, ки беҳтар сохтани инфрасохтори зарурӣ ва таъмини шароити арзандаи зиндагӣ ба кормандони сохторҳои ҳарбӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор дошта, дар ин самт марҳила ба марҳила тадбирҳои муҳим амалӣ карда мешавад.



# Ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфт

1 сентябр Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (СММ) қатъномаи «Пайгирии натиҷаҳои Конфронси СММ оид ба фарогирии миёнамуҳлати Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор», 2018-2028»-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Подшоҳии Нидерландия ва Ҷумҳурии Сенегал пешбарӣ шуда буд, бо иттифоқи оро қабул намуд.

Ҳамин тариқ, ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббуси навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷиҳати соли 2028 дар Тоҷикистон баргузор намудани Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба арзёбии фарогири ниҳоии татбиқи ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018- 2028-ро пазируфт.



Бояд хотиррасон намуд, ки бори нахуст ин ташаббус аз ҷониби муҳтарам Пешвои миллат дар Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид (22-24 марти 2023 дар Ню-Йорк) садо дода буд.

Дар бахши амалиётии қатънома дар баробари қарори баргузории Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид соли 2028 дар Тоҷикистон инчунин соли 2026 барпо намудани Конфронси СММ оид ба масъалаҳои об ҷиҳати суръатбахшии татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор (ҲРУ) 6 таъйид гардидааст.

Инчунин Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид аз Дабири кулли СММ даъват ба амал овардааст, ки то охири иҷлосияи 78-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар машварат бо давлатҳои аъзои СММ стратегияи фарогирро оид ба обу санитария омода ва ба кишварҳои аъзо пешниҳод намояд.

Қабул гардидани санади мазкур бори дигар шаҳодат аз он медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши боризи Тоҷикистонро ҳамчун давлати пешбарандаи масъалаҳои об дар арсаи байналмилалӣ муҳим хонда, ба ташаббус ва иқдомҳои мо эътимоду боварии комил дорад.

Воқеан ҳам Конфронси СММ оид ба об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2028), ки бори аввал дар мамлакатамон баргузор мегадад, барои боз ҳам баланд бардоштани обруву нуфузи ҷумҳурӣ рӯйдоди таърихӣ ва беназир хоҳад шуд.

# *Шаддаҳои дурру марҷонам, Ватан!*

*Гуфтугӯи ману Ватан*

Ватанам, Тоҷикистони азиз. Туро, ки макони биҳиштосо мегӯянд, аз се каф хамворӣ ва навадухафт каф кӯҳсор офариданд. Агарчи камзаминӣ, аммо дар ҳар зарра хокат ганҷест ниҳон. Шукӯҳу шӯҳрати ту хок, об ва кӯҳсор аст. Яъне се сарвати беназир. Се сарвате, ки туро дар олам машҳур гардондаву бо шарофати он мардумат ба чизе ниёз надоранд. Дар тасаввури ман шабеҳи равзаи ризвонӣ ва намехоҳам, ки дар рӯйи як каф коғаз се сарвати бебаҳои туро таърифу тавсиф намоям, чунки ин на имконпазир асту на аз рӯйи адолат. Бинои сифатҳои туро кайҳо боз дар ҳазор саҳфаи китоби дилам тарҳрезӣ кардаву нигоштаам. Аммо натавонистам қаноат бикунам. Чунки сухан оҷиз мемонад баҳри васфат.

Замоне аз ҷайби Темурмалики далеру шуҷоъ, ки то нафаси охирин ватанро аз аҷнабиён дифоъ мекард, халтачае бо як каф хоки ватан ва навиштаҷоти:

«Атри кафан зи хоки ватан кардам орзу,

Во ҳасрато, ки ин орзу мебарам ба хок»-ро ёфтанд, ки то кунун он ҳасрат ба дили ворисони Темурмалики қаҳрамон нохун мезанаду ҳисси садоқату муҳаббати онҳоро нисбат ба ватан бештар мегардонад.

Оре, ҳар марди бонангу ор хоки ватанро аз ҳама чиз воло медонад. Чунки хуб медонад, ки мурдаву зинда, гузаштаву оянда ва зану фарзанд дар хоки ватан азизу боқадр аст…

Мане, ки аз хоки ту рӯйидаву замоне мавод ҳам мешавам дар он, ҳаргиз ҳаваси атри фаронсавӣ накардаам чун дигарон. Атри фаронсавии ман бӯи хуши хоки туст, ватан. Тамонои онро дорам, ки ҳамеша атри бадан ва атри кафан зи хоки ватан дошта бошам.

-Магар хок бӯй дорад? -мепурсандам бархе аз содалавҳон.

-Рӯзгори кӯдакӣ субҳу шом модарам ҳавлиро об мезад ва бӯйи фораму нотакроре ба машом мерасид. Бӯйи хок ҳаловати дигаре дорад. Ин бӯй мағшуш нест. Он бӯй табиӣ ва ҳақиқӣ аст, ки дар дигар маводҳо зоҳир намешавад. Аз он бӯйи домони модар, қисмати додару хоҳар, хонаи падар ва билохира бӯйи муаттари ватан меояд.

Дар ҳар давру замон фарзандони бонангу ор ҷони худро баҳри аз даст надодани ҳар ваҷаб хоки ватани аҷдодӣ фидо карда, ба гарав мондаанд. Чунки онҳо аз кам шудани хурдтарин зарраи хокат метарсанд. Аз ранҷиши рӯҳи гузаштагон метарсанду аз нафрату маломати ояндагон. Бояд ватандор ба хоки ватан ҳар рӯз заррае зам кунад, на кам. Шарти ватандорӣ он аст, ки набояд қадами номуборақи бегонагон ба хоки ватан расад. Таърих ёд надорад, ки касе дар ягон вақту замоне хоки ватани худро ба душман бе ҳеҷ муқобилият, бе муборизаву бе хунрезӣ дода бошад. На ҳама барои молу сарват ва симу зар мубориза мебаранд, вале ҳама – меҳтару кеҳтар барои хоки ватан мубориза мебаранд, онро дифо мекунанд ва ба қимати ҷон меҳаранд. Чунки он бузургу муқаддас аст.

Вобаста ба вазъу ҳоли замона мардуми кишвари мо (мардону занон) муҳоҷири кишвари гуногуни сайёра шуда, барои ба даст овардани ризқу рӯзӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагӣ ҳаёти худро дар хатар гузошта, кору фаъолият мекунанд. Бархе аз онҳоро ҳузуру ҳаловати мулки бегона мафтун карда, ватанро аз ёд мебаранд. Заҳмати зиёде мекашанд, соҳиби сарвату хонаву дар мешаванд ва ҳамватанонро бо шукӯҳу фари худ мафтун мекунанд. Ҳатто аз гирифтани унвони шаҳрвандии мулки бегона ифтихор ҳам мекунанд. Ба гумони ман ватанро касе фаромӯш карда метавонад, ки модарро фаромӯш карда бошад. Каси беватан кас нест, фазои холист. Каси беватан беимон аст. Зеро ватан хунест, ки дар шарёни мо давр зада, ҳастии моро бақо мебахшад, ҳавои мубарроест, ки мо нафас мекашему саломатии хешро тақвият мебахшем, либосест, ки тани урёни моро мепӯшонад, кӯлоҳест, ки сари моро аз боду борон муҳофизат мекунад, билохира макони масаррату фароғат ва буду набуди мост.

Каму беши ватан сармояи мост,

Шукӯҳу шӯҳраташ перояи мост.

Оре, боигарии асосии мо ватан аст. Агар дар мулки бегона шоҳ бошем ҳам, рӯзе мерасад, ки гадои дари ватан мешавем.

…. соҳибистиқлолии ватан завлонаи чандинасраи қонуну қоидаҳои замони Шӯравиро барҳам зада, ба мардум истиқлоли комил ато намуд. Одамон бо пойи кушода ҳар ҷо, ки хоҳанд мераванду меоянд. Онҳо на танҳо ватани худ, балки тамоми дунёро шинохта, барои рангину дигар кардани зиндагии худ, хориҷ аз ватан кору фаъолият мекардагӣ шуданд. Аммо ғарибӣ хонаи модар нест, ки беташвиш зиндагӣ кунӣ ва касе гурбаи туро пиш нагӯяд. Дар он ҷо «ҷон канда» меҳнат мекунӣ, ба саломатӣ зиён меорӣ, бурд мекунӣ, бой медиҳӣ, меафтию мехезӣ, мегирйиву механдӣ. Ғарибӣ кӯйи сахт, эй бародар… Чунин аст расму оини ғарибӣ. Дарду алам ва саргузашти неку бади одамон аз ана ҳамин гуна омилҳо сарчашма мегирад ва қиссаву достон мегардад.

Мусаллам аст, ки барои ҳама Ватан – Модар яктост. Дар куҷое, ки набошем ҳамеша умед бар ватан мебандем, ба хотири ватан зиндагӣ мекунем ва барои ватан буду набуди хешро мебахшем. Васф кардани ватан барои ман бисёр мушкил аст, зеро дар пайдо карданi сухани дилхоҳ, сухане, ки дил об хӯрад дар ин мавзуъ, оҷизӣ мекашам. Аммо падарам ба таври сода ва бо эҳсоси баланд мегуфт: - Ҷӯйчае, ки аз пеши ҳавлии мо мегузарад ва дар хомӯшии шабҳо бо садои шилдир – шилдираш маро навозиш мекунад, ватан аст. Боғи бунёдкардаам, ки зиёда аз 18 намуди дарахтони мевадиҳанда дорад, бароям ватан аст. -Ана ин долон, хонаву дар, китобхонаи шахсиям, шаш духтари зебоям ва ҳамсари дилрабоям низ барои ман ватан аст. Кӯҳу камар, даштҳои васеъ, водиҳои дилрабо ва кӯчаву хонаи ҳамсоя бароям ватан аст… Ҳатто ҳастии ман бароям ватан аст.

Оре, шаддаҳои дурру марҷон ва сарвати бебаҳои ман туйи ватан! …

Саодат САТТОРӢ

Муассис:
Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

**Ҳайати таҳрир:**
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Саидшо Амирзода, Саодат Сатторова - хабарнигорон.

**Мушовирон:**
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

**Дизайн: А. Насриддинов**

**Суратгир: М. Шоев**

Адади нашр: 500 нусха